«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳидавлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои педагогика, профессор
________________Мирализода А.М.
«____»____________________соли 2020

Тақризи

**Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба сифати муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯиихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Тадқиқоти диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», ки бо Қарори Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-005 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди тақриз ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун муассисаи тақриздиҳанда ирсол гардидааст, дар чаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик  аз 23-юми апрели соли 2020, №9  мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Рисолаи диссертатсионии Д.С.Қодиров таҳти унвони «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» ба мавзӯи хеле мубрам ва камтаҳқиқ бахшида шуда, дар он зиндагӣ ва осори таҳия намудаи ин муаррихи донишманд таҳлили амиқи худро пайдо намуда, саҳми ӯ дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон бо далелҳои қотеъ ва раднашаванда мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мубрамияти таҳқиқоти дисертатсионӣ дар он аст, ки саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон бори нахуст бар

мабнои далоили боэътимод аз асноду маъхазҳо дар таърихнигории тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар рисола муҳаққиқи ҷавон ба саҳми узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ.Назаров баҳои воқеӣ дода, дуруст зикр менамояд, ки имрӯз аз осори илмӣ ва консепсияи пешниҳоднамудаи ӯ оид ба масъалаҳои марбут ба таърихи Афғонистон донишмандони афғонистоншинос васеъ истифода мебаранд.

Дар шароити муосир бо назардошти равандҳои мутағайири геосиёсӣ омӯзиши осори илмии ин донишманд, назари ӯ оид ба ташаккули ақвоми мухталиф ва сокиншавии онҳо дар қаламрави Афғонистон, таҳлили ҳаёти сиёсии ин кишвар, нақши кишварҳои ҳамҷавор ва абарқудратҳо дар таъмини сулҳу аминият дар ин минтақа аҳамияти бештари илмӣ ва амалиро доро мебошад. Воқеан, Ҳақназар Назаров аз ҷумлаи он муаррихон ва ходимони барҷастаи илмие буд, ки дар асри XX расолати таърихии хешро ҳамчун олими афғонистоншинос дарк намуда, тамоми нерӯи ақлонии худро барои омӯзиши фарҳанг ва таърихи Афғонистон, вазъияти мардум ва тақдири ояндаи онон равона намудааст.

Вижагии хос ва тафовути таҳқиқоти Ҳ.Назаров аз дигар муаррихон, ки ба омӯзиши таърихи Афғонистон даст задаанд, дар он аст, ки ӯ сиёсати низоми ҳукумати вақти Афғонистонро дар садаи XIX-XX, ки моҳияти зиддихалқӣ дошт, аз нуқтаи назари интиқодӣ таҳлил намудааст. Дар меҳвари таҳқиқоти ин донишманд халқи Афғонистон, ки бунёдгарони ҳақиқии таърихи ин кишвар мебошанд, қарор дорад.

Маҳорати мустақиландешии муҳаққиқ аз сохтор ва тарҳи диссертатсия низ маълум мегардад. Диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич аз сарсухан, 3 боб бо дарбаргирии 8 зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти илмӣ иборат буда, ҳаҷми он 192 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар сарсухан мубрам будани мавзӯи таҳқиқшаванда асоснок шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва таснифи корҳои илмии анҷомдодашуда дар ин самт нишон дода шудааст. Инчунин, дар ин бахш мақсад ва вазифаҳои

таҳқиқот, навоварии илмӣ ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр гардидаанд.

Заминаҳои манбаъшиносии таҳқиқот васеъ ва гуногунмазмун буда, диссертант онҳоро шартан ба чаҳор гурӯҳ ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи аввал асарҳои илмӣ, мақолаҳо ва маърӯзаҳои худи муаллиф, гурӯҳи дуюмро мақолаҳои характери илмӣ-оммавӣ доштаи Ҳ.Назаров, гурӯҳи сеюм маводи бойгонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти мероси хаттӣ, парвандаи хидматии №5 ва гурӯҳи чаҳоруми манбаъҳоро мусоҳибаҳои самарабахш бо шогирдон, дӯстон ва аъзои хонаводаи Ҳ.Назаров ташкил медиҳанд. Таъкид ба маврид аст, ки муаллиф бори аввал зимни таҳқиқ аз маводи бойгонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти меросӣ хаттӣ, парвандаи хидматии №5 Ҳ.Назаров ва мусоҳибаҳои самарабахш бо шогирдон, дӯстон ва аъзои хонаводаи Ҳ.Назаров дар рисола истифода намудааст.

Боби якуми рисола – **«Ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳақназар Назаров дар солҳои 30-50-уми асри XX»** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зебоби якум – «Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров» таҳлилу баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла муаллиф иброз медорад, ки марҳилаҳои зиндагии Ҳ.Назаров дар шароити душвори солҳои 30-50-уми қарни XX гузаштааст. Муаллиф манзараи зиндагонии Ҳақназар Назаровро дар ин давра дар заминаи маъхазҳои дар даст дошта дар рисола равшан тасвир намудааст. Муаллифи рисола дар заминаи манобеи мавҷуда дуруст зикр менамояд, ки дар ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳ.Назаров ва фаъолияти касбии ӯ хизмати таърихшиносон ва афғонистоншиносон З.Ш.Раҷабов, А.Мирзоев, Р.Т.Ахрамович ва дигар устодон бе ниҳоят бузург аст. Дар зербоби дуюм – «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон» муаллиф иброз медорад, ки доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ.Назаров ҳамчун олими пухтакор ва шинохтаи тоҷик, омӯзгори варзида, аълочии маорифи ҷумҳурӣ, арбоби

шоистаи илм ва техника, узви вобастаи АИ ҶТ дар тайёр намудани муҳаққиқони соҳаи таърих, хусусан афғонистоншиносӣ саҳми арзанда гузоштааст. Аз байни донишҷӯёне, ки аз профессор Ҳ.Назаров дар мактабҳои олии кишвар сабақ омӯхтанд, минбаъд номзадҳо ва докторони илм ба камол расиданд. Онҳо имрӯз роҳи тайнамудаи устоди худро сарбаландона дар ҷодаи илм пеш мебаранд. Диссертант аз таҳқиқи зербоби мазкур ба хулоса омадааст, ки ин донишманд ҳамчун нерӯи тарбиятгар ва мактаби таҷриба дар камолоти маънавии насли ҷавон ҳамеша ҳиссагузор буд.

Боби дуюми рисола – **«Инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ва маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон дар таҳқиқоти Ҳақназар Назаров»** аз се зербоб иборат аст. Зербоби аввал – «Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афгонистон дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX» ба баррасии авзои ҳаёти ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистони охири асри XIX ва ибтидои асри XX бахшида шудааст. Аз таҳлилҳои муаллиф дар ин зербоб бармеояд, ки Ҳ.Назаров зимни баррасии авзои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар замони амир Абдурраҳмонхон ва Ҳабибуллохон ба маъхазҳо, маводи бойгонӣ, осори таълифнамудаи муҳаққиқини ин сарзамин ва берун аз марзи Афғонистон такя намуда, сардорон, маликҳо, феодалони бузург ва рӯҳониёнро мутакои асосии нерӯи амир дар гузаронидани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ медонад. Зербоби дуюм – «Ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX» унвон гирифта, дар он муаллиф тамоми чунбишҳои оммавии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистонро ба таври муфассал таҳлил намудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола Ҳ.Назаров кӯшиш намудааст, ки моҳияти ҳама гуна ҷунбишҳои оммавӣ, ҳадафи аслии онҳоро бо далелҳои раднашаванда собит намояд. Мусаллам аст, ки дар афғонистоншиносии ватанӣ ва хориҷӣ мутахассисоне буданд, ки бар хилофи андешаҳои солим ва илмии олим оид ба ин ҷунбишҳо аз рӯи хусумат ва ё дарки нодурусти моҳияти масъалаҳо мухолифат нишон медоданд. Ба андешаи онҳо Ҳ.Назаров исёнҳои феодалиро таҳти номи шӯришҳои халқӣ муаррифӣ намудааст. Дар

зербоби сеюм – «Арзёбии ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ» муаллиф дар такя бо осори худи Ҳ.Назаров ва дигар афғонистоншиносон ҷунбишҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маорифпарвариро дар Афғонистон муфассал баррасӣ намудааст. Хулосаи муаллиф аз ин зербоб ин аст, ки маҳз ҷунбишҳои оммавии мардумӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX заминаи устувореро барои ҷунбишҳои ҷавонафғонҳо ва маорифпарварӣ дар Афғонистон гузоштанд. Ба ин раванд ғайр аз инқилобҳои кишварҳои аврупоӣ ва ҳамҷавор аз қабили Ҳиндустон, Эрон, Туркия ва Русия ҷунбишҳои дохилӣ низ таъсиргузор буданд.

Боби сеюми рисола – **«Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон»** унвон гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар зербобҳои «Ҳақназар Назаров ва таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон», «Ҳақназар Назаров ва арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ» ва «Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон» масъалаҳои мавриди назарромуфассал мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки Ҳ.Назаров дар осораш масъалаи миллиро дар Афғонистон холисона баҳогузорӣ намуда, ба натиҷае расидааст, ки Афғонистон давлати касирулмиллат буда, баробарии ин миллатҳо дар идораи давлатӣ бояд бевосита ва ё бавосита таъмин карда шавад. Баррасӣ ва арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ дар осори Ҳ.Назаров яке аз масъалаҳои меҳварӣ ва калидиро ташкил медиҳад. Муаллифи рисола оид ба ин мавзӯъ дуруст зикр мекунад, ки профессор Ҳ.Назаров сабаби ба вуқӯъ пайвастани шӯриши деҳқонони тоҷикро бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ дар солҳои 1928-1929 маҳз дар зулму истибдоди табақаи ҳоким (паштунҳо) болои мардумони ғайриафғон ва авомили иҷтимоӣ медид.Аз нигоҳи ин олими афғонистоншинос Ҳабибулло шахсияте буд, ки наметавонист алайҳи истисмори оммаи заҳматкаш, ки дар давраи ҳукумати Амонуллохон назар ба амирони пешин шиддати бештареро касб намуд, чашм пӯшад. Масъалаи саҳми Ҳ.Назаров дар таҳқиқи мақоми

тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон дар рисолаи диссертант арзёбии амиқи худро ёфтааст.

Дар асари «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон»-и Ҳ.Назаров ҷойгоҳи тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанғии ин кишвар холисона таҳқиқ шудааст. Дар инасар Ҳ.Назаров аз мардумони мазлум ва ситамдидаи ғайрипаштун ҷонибдорӣ намуда, ба ҳеҷ ваҷҳ муқобил гузоштани ақвоми паштун ва ғайрипаштунро ҳадафи ниҳоии худ қарор надодааст.Ба ақидаи ӯ ҷиҳати ба кишвари пешрафта табдил ёфтани Афғонистон созиши умумӣ дар байни тамоми аҳолии он бояд дар миён гузошта шавад, вагарна ояндаи сулҳу ваҳдат дар Афғонистон зери суол аст.

Дар рисолаи диссертатсионӣ 7 масъала ҳамчун нукоти ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф муайян шудаанд ва муаллиф тавонистааст аз нукоти пешниҳодшуда бо далоили муътамад ҳимоя намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар ҷараёни таълим, зимни тадриси курсҳои махсус аз таърихи Афғонистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ истифода шаванд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия,махсусан натиҷагириҳо аз ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зидди феодалӣ, масоили марбут ба худшиносии миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол заминаи мустаҳкам гузорад.

Бо назардошти масъалаҳои зикршуда диссертатсияи Д.С.Қодиров «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, аз назари муҳтаво, асолат, навоварӣ, мақсад, асоснокнамоии хулосаҳо мубрам ва бо аҳамият буда, услуби нигориши илмӣ дар он комилан риоя шудааст.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат намуда, мақолоти мунташир намудаи муҳаққиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Тоҷикистон мазмуну мундариҷаи онро пурра ифода менамоянд.

Бо вуҷуди ин, бояд зикр намуд, ки рисолаи диссертатсионӣ аз баъзе камбудию норасоиҳо холӣ нест:

1. Ба андешаи мо ҳангоми баҳодиҳӣ ба хулосаҳои Ҳ.Назаров дар бисёр маврид назари интиқодии диссертант ба мушоҳида намерасад. Ба ибораи дигар, дисертант ба ҳама хулосаю натиҷагириҳои устод Ҳ.Назаров мувофиқ аст.
2. Чуноне аз таҳлили осори Ҳ.Назаров бармеояд консепсияи пешниҳоднамудаи ӯ оид ба шӯриши деҳқонони Афғонистон бо роҳбарии Ҳ. Калаконӣ бо далелҳои муътамад исбот шудааст, аммо дар таърихнигории Иттиҳоди Шӯравӣ ин консепсия қабул нашуд. Гарчанде диссертант чандин далелҳоро овардааст то сабаби онро муайян кунад, аммо ба назари мо ба таври кофӣ ин кор анҷом нашудааст.
3. Масъалаи дигар характери худи шӯриш бо роҳбарии Ҳ.Калаконӣ аст. Оё ин шӯриш хислати қавмӣ дошт? Диссертант мебоист муфассалтар ақидаи Ҳ.Назаровро дар ин бора инъикос ва таҳлил менамуд.
4. Дар рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Камбудиҳои ҷузъии зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии рисолаи диссетратсиониро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» як таҳқиқоти илмии арзишманд ва анҷомёфта буда, унвонҷӯ бо хулосабарориҳо ва тавсияҳои пешниҳодкардаи илмии худ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Натиҷаҳои илмии ҳосилшуда аз диссертатсия, истифодаи амалӣ, сифати вироиш ва банду басти он ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10-12, 14, 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»,

ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 26.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, унвонҷӯ Қодиров Довар Саидаллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 30-юми апрели соли 2020 баррасӣ ва тасдиқ шудааст(Протоколи №9).

Дар ҷаласа иштирок карданд: 14 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 14 нафар; «муқобил» - нест; «бетараф» нест.

**Раискунанда, мудири кафедраи**
**Таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**номзади илмҳои таърих, Боқиев Рӯзибек Усмонович**

**Ташхисгар, профессори кафедраи**
**Таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**доктори илмҳои таърих Абдуллоев МаҳмудХолович**

**Котиби ҷаласа асисстенти кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Исмоилов Зафар**

**Имзоҳоро “тасдикмекунам”:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**Давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Файзулло**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Маълумот барои тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон 735360,
ш. Кӯлоб, хиёбони С.Сафаров, 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел.: 2-35-06; 2-35-09;
E-mail: info@kgu.tj;www.kgu.tj
26.04.2020 с.